Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар мамлакатҳо бо барқ таъмин намудан (электроэнергетика) хеле муҳим аст, зеро соҳаи барқ яке аз соҳаи появии иқтисодиёт аст. Фаъолияти эътимоднок ва босамари электроэнергетика дар мамлакат, таъмини беисти истеъмолкунандагон бо барқ асоси рушди иқтисодиёти миллӣ ва омили ҷудонопазири таъмини шароити мутамаддини зиндагии аҳолӣ мебошад. Фаъолияти корхонаҳои дигар соҳаҳои появии иқтисодиёт (саноат, кишоварзӣ) ва инфрасохтори он, инчунин соҳаҳои иҷтимоӣ-маишӣ аз таъмини нерӯи барқ вобастагии муҳим дорад. Иқтисоддонҳо амсилаи бозори комилро, ки барои истифода дар бозори фурӯши барқ низ тавсия медиҳанд, ба таври басанда таҳқиқ намудаанд. Вале ин амсила бо моли абстрактӣ сарукор дорад. Дар амалия бошад, бозори комил дучор намеояд, вале онро метавон чун амсилаи идеалӣ барои дарки механизмҳои умумии бозорӣ истифода бурд. Дар бозорҳои воқеӣ намудҳои гуногуни маҳдудиятҳо ҷой доранд, ки ба ташаккули нархҳо дар асоси қоидаҳои бозори комил монеа мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки заминаи пайдошавӣ ва рушди бозори фурӯши барқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз асарҳои илмии ба таҳқиқи соҳаи электроэнергетикаи даврони Иттиҳоди Шуравӣ алоқаманд метавон таҳқиқ намуд. Муҳаққиқон асоси марҳилабандии таърихи электроэнергетикаро тарзи танзими давлатии таъминот бо нерӯи барқ меҳисобанд.

Муҳақиқ зимни таҳлилҳои бозори фуруши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадааст, ки вазъи кунунии бозори фурӯши барқ нигаронкунанда буда, корхонаҳои фуруши барқ наметавонанд қарзҳои аз аҳолӣ ва корхонаҳоро саривақт ҷомъоварӣ намоянд.

Ҳамчунин муаллиф қайд мекунад, ки таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳисоботи молиявии муттаҳидгардидаи ШСХК «Барқи Тоҷик» нишон медиҳад, ки вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии ширкат, корхонаҳои фаръӣ ва филиалҳои онҳо нигаронкунанда мебошанд. Гувоҳи дурустии андешаи муаллиф аудити ҳисоботи молиявии ширкат барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2020 мебошад. Аз натиҷаи санҷиши аудитории мазкур, ки аудиторони ташкилоти аудитории ҶСП «БДО Армения» гузаронидаанд, дар санаи 15 июли соли 2021 хулосаи аудитории мусбати шартӣ (бо тавзеҳот) таҳия гардидааст. Аудиторҳо барои изҳори хулосаи бо тавзеҳот низоми номукаммали баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, амалҳои ширкат (ва корхонаҳои фаръии он) оид ба эътироф кардани даромад, қарздориҳои дебиторӣ ва пешпардохтҳои барои таҳвили барқ гирифташударо чун асос иброз доштаанд.Аудиторҳо ҳамчунин дар хулосаи аудиторӣ номуайянии муҳими бо фаъолияти беисти ширкат алоқамандро қайд намудаанд. Онҳо ба он диққат додаанд, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» дар соли 2020 ба маблағи 6,59 млрд. сомонӣ зарар дидааст (дар соли 2019 – 5,67 млрд. сомонӣ) ва ба ҳолати санаи 1 январи соли 2021 ухдадориҳои ширкат нисбат ба дороиҳои он ба андозаи 10,6 млрд. сомонӣ зиёд мебошанд (ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 9,0 млрд. сомонӣ). Ин рӯйдодҳо ё шароит дар баробари дигар масъалаҳои ҷойдошта аз мавҷуд будани номуайянии муҳим дарак медиҳанд, ки метавонад дар тавоноии ширкат барои идома додани фаъолияти худ шубҳаи муҳимро ба миён оранд (Саҳ.16) .

Дар авторефрати диссертатсияи таҳқиқшаванда ба назари муқарриз баъзе носаҳеҳиҳо мавҷуд аст, ки дар умум сифати илмии корро коста намегардонад, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар ҷадвали 1– қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик», - ро дар солҳои 2015-2022 таҳлил кардааст, аммо мутаасифона соли 2022-ро нисбати соли 2015 қиёс накардааст, ва сабабҳои афзоиш ва ё камшавии қарзҳои дебитории ШСХК “Барқи Тоҷик” аз назари муаллиф дур мондааст;
2. Дар авторефрерат мухтавои амсилаи рушди бозори фурӯши барқ дар расми 5 нишон дода шудааст, аммо унсурҳои таркибии он мушаххас тавзеҳ дода нашудааст.

Автореферати таҳия намудаи муаллиф Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» навишта шудааст таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ҷавобгӯ ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июни соли 2021 тасдиқ шудаанд, оид ба таълифи рисолаҳои илмӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Фасеҳзода И.С.**

**Имзои И.С.Фасеҳзода – директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Б.Ҳамидов**

Фасеҳзода Ислом Саймирзо, тел.: (+992 934719719),
E-mail: fasihov83@mail.ru